*Чун ба таққиқи ину он пардохт,*
*Ранги маҳфил зи ранги худ бишнохт.* **БЕДИЛ**

# МАҲФИЛҲО БА ДОНИШҶӮЁН ЧӢ МЕДИҲАНД?

Ба ҳамагон маълум аст, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ дар муддати начандон тӯлонӣ дар байни донишгоҳҳои Ҷумҳурӣ бо зудӣ мавқеи муносибро соҳиб гардидааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар донишгоҳ тамоми ходимон, аз раҳбарият то устодону шогирдон ба машғулияти худ дилбастагии кул доранд. Яъне, ҳама масъулиятшинос мебошанд.

Таҳсилот, ки яке аз арзишҳои муҳимтарини ҳаёти инсон аст,ояндасози ҷамъият мебошад. Он на танҳо воситаи азхудкунии дониш, балки василаи ташаккули тарбия, маънавиёт ва рушди шахсият низ буда, дар камолоти инсон нақши бузург дорад. Аммо имрӯзҳо дар соҳаи таълимоти халқ мушкилоту нигарониҳои гуногун мавҷуд аст, ки мавриди баррасии васеъ қарор доранд.

Мақсади асосии таълим аз тарбия намудани мутахассисони соҳибмаърифат ва соҳибихтисос иборат мебошад, ки ба рушди ҷомеа хидмат мекунанд. Технологияҳои муосир, бавижа воситаҳои рақамии таълимӣ имкон медиҳанд, ки ин раванд тезтар ва самаранoктар суръат пазирад. Масалан, омӯзиши фосилавӣ, курсҳои онлайн ё платформаҳои мултимедиявӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки донишро бо суръати тез аз бар намоянд. Раванди таълиму тарбия на танҳо бояд дониш диҳад, балки хислату характерҳои инсониро инкишоф диҳад, ҷавононро содиқ ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намояд. Ҳамин аст, ки беэътиборӣ ба китобу техника ва ё масоили тарбия дар ҷомеа холигии маънавӣ пайдо мекунад.

Аз ин рӯ, ба масъалаи тарбия беэътиноиву бепарвоӣ ва ё беэътибору яктарафа назар афкандан нашояд. Инчунин, маҳдуд кардани донишҷӯ танҳо бо донишҳои илмию назарӣ низ ҷиҳати тарбияи тақвият намебахшад ва ҳам натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Системаи муосири таълими халқ бояд бо омезиши дониш ва таълим рушд кунад. Чи тавр гузарондани вақти холии талабагон ба дараҷаи дониш, шавқу ҳавас, ҷаҳони маънавӣ ва фаъолиятиояндаи онҳо бевосита таъсир мерасонад. Бинобар ин дар муассисоти таълими олӣ фаъолияти маҳфилҳои соҳаҳои гуногун аҳамияти калон дорад. Маҳфилҳо ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки шавқу рағбатҳои худро инкишоф дода, истеъдоди худро сайқал диҳанд ва дӯстони нав пайдо кунанд. Масалан, донишҷӯён тавассути маҳфилҳо тадқиқоти илмӣ, маҳорати педагогӣ ё ба воситаи омӯзиши забонҳо вақти холии худро на танҳо пурмазмун, балки фоиданок низ мегузаронанд. Ин чиз ба камолоти шахсият, фаъолияти ҷамъиятӣ ва дар ҷомеа пайдо кардани мавқеи худ мусоидат мекунад. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки маҳфилҳо натанҳо барои пурмазмун ташкил намудани вақти холии талабагон фоидаи калон доранд, балки машғулиятҳо, ки дар асоси шавқу ҳавас ва ташаббуси талабагон ташкил мешаванд, барои ташаббускорӣ ва ҷаҳонбинии маънавии онҳо дар минбаъда низ самара мебахшанд.

Ҳамин аст, ки дар назди кафедраи адабиётшиносии ӯзбеки факултаи гуманитарии Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ барои донишҷӯён якчанд маҳфилҳои адабию бадеӣ мунтазам амал мекунанд. Фаъолияти онҳо барои рушди ҷомеа, дарк ва дастгирии нерӯи эҷодии ҷавонон муҳим аст. Дар байни донишҷӯён ҷавонони эҷодкор ба назм, театр, мусиқӣ, рассомӣ, рӯзноманигорӣ, техника ва адабиёт шавқу ҳаваси зиёд доранд. Аз ин ҷост, ки маҳфилҳо барои инкишоф додани қобилияти онҳо ҳамчун як платформаи муҳим хидмат мекунанд.



Ҳама гуна маҳфилҳои эҷодӣ фазои мусоидтарин ба ифшои истеъдоди ҷавонон, амалӣ намудани андешаи озод ва ғояҳои созанда мебошанд. Аз ин рӯ, масалан, маҳфили "Истеъдод", ки дар назди кафедраи адабиётшиносии ӯзбек ба роҳ монда шудааст, таълими фарҳанги саҳнавӣ, инчунин тавассути бедор кардани муҳаббат ба шеър, қобилият, тафаккури эҷодӣ ва фаъолияти ҳунарии истеъдодҳои ҷавонро инкишоф медиҳад. Ин гуна маҳфилҳо ҷавононро ба ҷустуҷӯи эҷодӣ раҳнамун месозад, боварии онҳоро ба оянда мустаҳкам менамояд. Ба маҳфил устодони эҷодкори кафедра шоира Гуландом Тоғаева ва Нафиса Раҳмонова роҳбарӣ мекунанд. Бо дастгирии онҳо на танҳо ҷавонони боистеъдод, балки донишҷӯёне, ки ба эҷодкорӣ майл доранд, вале ҳанӯз роҳи худро наёфтаанд, қобилиятҳои худро инкишоф медиҳанд. Клуб аз он ҷиҳат аҳамияти калон дорад, ки вай на танҳо ҷавонони факултет, балки доираи васеи донишҷӯёни донишгоҳро фаро гирифтааст. Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки ин маҳфили ҷавонони эҷодкор фазои фарҳангиву маънавии муассисаи таълимиро ғанӣ гардонида, дар ҷавонон тафаккури эҷодӣ, баёни озоди андеша, ташаббус ва маҳорати дастаҷамъонаро инкишоф дода истодааст.

Бояд иброз намуд, ки дар раванди тайёр кардани муаллимони оянда дар муассисоти олӣ на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои амалӣ ҳам аҳамияти калон дорад. Дар ин ҷараён нақши маҳфилҳои эҷодӣ ва дарсҳои маҳорати педагогӣ хеле калон аст. Ҳамчунин дар назди кафедраи адабиётшиносии ӯзбекӣ маҳфили эҷодии маҳорати педагогӣ таъсис дода шудааст, ки хидмати арзанда дар камолоти маънавии донишҷӯён дорад. Ба ин маҳфил устодони кафедра Райҳон Расулова ва Соҳиба Арзиқулова роҳбарӣ мекунанд, ки таҷрибаи чандинсолаи педагогӣ дошта, дар ин самт корҳои илмии худро идома медиҳанд. Онҳо семинару тренингҳо ташкил мекунанд, ки ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки нерӯи касбии худро инкишоф диҳанд, технологияи таълимро дар амал санҷида, дар болои худ кор кунанд, ба онҳо дар рушди фаъолияти касбиашон аз наздик кӯмак расонанд. Дар доираи маҳфил донишҷӯён усулҳои гуногунро месанҷанд, бо равишҳои инноватсионии педагогӣ табодули таҷриба мекунанд ва ба саволҳои зиёди марбут ба таълим посух меёбанд. Маҳфили мазкур на танҳо бо омӯзиши касбӣ маҳдуд аст, балки ба донишҷӯён малакаҳое, аз қабили фарҳанги муошират, кори дастаҷамъӣ, роҳбарӣ ва равиши равонӣ муҷаҳҳаз мекунад. Зеро муаллими хуб на танҳо муаллими дониш, балки тарбиятгари шахсият ҳам мебошад. Маҳфили маҳорати педагогӣ барои фаъолияти ояндаи касбии донишҷӯён заминаи мустаҳкам ба вуҷуд меоварад. Талабае, ки дар чунин маҳфил фаъолона иштирок мекунад, худро ҳамчун муаллими баркамол на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ ҳам ташаккул диҳад. Он дар талабагон маҳорати гузарондани дарс, маданияти нутқ, эҷодкорӣ, ташаббускорӣ ва қобилияти бо ҷамоа кор карданро инкишоф медиҳад. Аз ин рӯ, ҳар як донишҷӯе, ки дар самти педагогӣ таҳсил мекунад, бояд дар фаъолияти чунин маҳфилҳо фаъолона ширкат варзад.

Айнан дар ҳамин замина, дар замони ҷаҳонишавӣ ва технологияҳои рақамии имрӯза таваҷҷуҳ ба мутолиаи китоб хеле кам шуда мондааст. Бинобар ин, бо мақсади ҷалби ҷавонон ба китобхонӣ ва ташаккули фарҳанги китобхонӣ дар байни онҳо маҳфили китобхонони ҷавон таъсис дода шудааст, ки ба он яке аз омӯзгорони ҷавони умедбахши кафедра Эмина Очилова роҳбарӣ мекунад. Маҳфили китобхонони ҷавон воситаи муассир барои пурмазмун гузарондани вақти холии донишҷӯён, бо адабиёти илмӣ ва бадеӣ шинос намудани онҳо, ташаккули ҷаҳонбинии васеъ ва тафаккури мустақилашон мебошад. Муаррифии китобҳо, шабҳои мубоҳисавӣ, вохӯрӣ бо адибон дар доираи маҳфил нерӯи зеҳнии ҷавононро афзун мекунад. Фаъолияти ин маҳфил бо тарғиби китобхонӣ маҳдуд намешавад. Дар он инчунин баромадҳои эҷодӣ, мубоҳисаҳо, мусобиқоти рефератнависӣ ва иншоҳои эҷодӣ гузаронида мешаванд. Зеро мутолиа на танҳо хондан, балки таҳлили асари хондашуда, аз он хулоса баровардан ва дар ҳаёт татбиқ кардан аст. Бояд гуфт, ки маҳфили китобхонони ҷавон барои шавқманд гардонидани талабагон ба китоб, ташаккули фарҳанги мутолиа ва роҳнамоии онҳо ба фаъолияти илмию эҷодӣ ҳамчун як платформаи муассир хидмат мекунад. Ин маҳфил як роҳи муассир барои дар рӯҳияи китобдӯстӣ тарбия намудани ҷавонони факултет, ташаккули тафаккури мустақил, фарҳанги сухан ва ҷаҳонбинии васеъ мебошад. Бо вусъат додани фаъолияти чунин маҳфилҳо анъанаи китобхониро мустаҳкам намуда, ҷавонони аз ҷиҳати маънавӣ баркамолро тарбия кардан мумкин аст.

Пӯшида нест, ки имрӯзҳо дар саросари кишварамон эҳтиёҷ ба донистани забонҳои гуногун дар яке аз ҷойҳои аввал қарор мегирад. Бисёрзабонӣ яке аз омилҳои муҳими густариши дониши ҷавонон ва ворид шудан ба арсаи байналмилалӣ дар раванди ҷаҳонишавии имрӯза маҳсуб мешавад. Дар ин бобат дар донишгоҳҳои олӣ ташкил намудани маҳфилҳои забономӯзӣ дар баланд бардоштани дониш ва нерӯи ҷавонон аҳамияти калон дорад. Дар назди кафедраи мо маҳфили алоҳидаи омӯзиши забони туркӣ низ амал мекунад. Дар ин маҳфил талабагон бо маданият, адабиёт ва таърихи халқҳои ҳамсоя шинос мешаванд. Аъзоёни маҳфил дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамкориро бо роҳи омӯзиши забонҳо мустаҳкам менамоянд. Илова бар ин, донишҷӯён таваccути шеъру суруд ва ҳикояҳо суханронии худро ғанӣ гардонида, арзишҳои мардуми туркро азхуд мекунанд. Ин маҳфил танҳо ба омӯзиши забон маҳдуд намешавад, балки тавассути муколамаи байнифарҳангӣ, сеансҳои тарҷумонӣ, намоишҳои театрӣ ва баҳсу мунозира олами эҷодкорӣ ва зеҳнии талабагонро инкишоф медиҳад. Маҳфили забони туркӣ на танҳо як манбаи дониши иловагӣ, балки фазои эҷодӣ низ мебошад, ки таваҷҷуҳи ҷавононро ба омӯзиши забон зиёд мекунад. Ин як иқдоми муассирест, ки ҷавононро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, муколамаи байнифарҳангӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ ташвиқ мекунад.

Ба ҷиҳати хулоса ҳаминро гуфтан бамаврид аст, ки ташкил кардани маҳфилҳо дар муассисоти олӣ ғайр аз гирифтани донишҳои назарӣ, мусаллаҳ шудан ба донишҳои амалӣ мебошад. Маҳфилҳои гуногун ба донишҷӯ барои ташаккули шахсият ва сайқал додани маҳорати касбӣ кӯмак мекунад. Вай тавассути донишҳои фарогирифтааш маҳорати худро сайқал дода, дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунад. Маҳз ана ҳамин маҳфилҳои эҷодӣ боис мегарданд, ки дар талаба салоҳияти илмӣ-тадқиқотӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, малакаи мадании китобхонӣ ва фаъолияти интеллектуалӣ инкишоф меёбад. Инчунин, маҳфилҳо талабагонро ба омӯзиши тафаккури нав ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ водор мекунанд. Донишҷӯ андешаҳои худро озодона баён мекунад ва барои амалӣ намудани онҳо бо даста кор карданро меомӯзад. Илова бар ин ба воситаи фаъолияти маҳфилҳо дӯстони нав пайдо мекунанд, дар ҷамоа кор карданро ёд мегиранд, маданияти муоширатро инкишоф медиҳанд. Гузашта аз ин онҳо маданияти нутқ кардан, маҳорати роҳбарӣ, қобилияти ташкилотчигӣ ва боварии худро ба худашон мустаҳкам менамоянд.

Хулоса, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ натанҳо дар амалӣ кардани нақшаҳои бузурги дар пеш гузоштаи худ, балки дар ҷорӣ кардани унсурҳои хурдтарини тарбияи камолоти маънавии донишҷӯён хидматҳои арзанда анҷом медиҳад, ки мо онро танҳо дар маҳфилҳои назди як кафедраи адабиётшиносии ӯзбек мушоҳида намудем. Аз ин рӯ, навиштаҳоямонро бо як ифодаи барҷо ҷамъбаст намуда гуфта метавонем, ки нақши маҳфилҳо дар тарбият кардани Инсони комил бузург аст.

**Зиёдахон УСМОНОВА,**
**докторанти ДДО Чирчиқ**

# ҲАМКОРИҲО ВУСЪАТ МЕЁБАД

Дар хусуси муносибатҳои дӯстонаи ҳамкории байни тоҷику ӯзбек бисёр гуфтаанд ва боз гуфтан хуш аст, ки ин равобит сол ба сол, моҳ ба моҳ ва дам ба дам вусъат меёбад. Дар доираи форуми байналмилалии "Забони русӣ дар Осиё", ки соли 2023 баргузор гардид, байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расид. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки ин ҳамкорӣ бо ибтикори инҷониб – омӯзгори калони кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ – Таҳмина Мансурова сурат гирифт. Созишномаи баимзорасида бахри рушди ҳамкориҳои илмӣ, татбиқи ғояҳо ва кашфиётҳои илмӣ ва таҳкими робитаҳои академӣ байни донишгоҳҳо равона шудааст.

Ин ҳамкорӣ дар самти филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро дар ин ҷо дар назди кафедраи Адабиётшиносии ӯзбек гурӯҳҳои тоҷикии ихтисоси "Филологияи забони тоҷикӣ" дар сатҳи бакалавр фаъолият мебарад, ки боиси хушнудӣ мебошад. Фаъолияти ин гурӯҳҳо рӯз то рӯз афзун меёбад, ки ба камолоти маънавию касбии онҳо дар кишварамон эҳтиёҷ пайдо шуда буд. Ин буд, ки соли гузашта ду гурӯҳи тоҷикӣ ба донишгоҳ қабул гардида буданд. Дар соли ҷорӣ низ 28 нафар талаба ба курси якум дохил шуданд. Дастпарварони ин гурӯҳҳои тоҷикӣ соли саввум аст, ки соҳиби ихтисос гардида, бо дипломҳои тахассуси муаллими забони модарӣ (тоҷикӣ) ба мактабҳое, ки таълимашон ба забони тоҷикӣ аст, равона карда шуданд.

Бамаврид аст гӯем, ки мутаассифона ҳанӯз дар назди донишгоҳ таълими магистратуравӣ ба роҳ монда нашудааст. Ин омилҳои зиёд доранд. Якум, ин ки салоҳияти илмии кадрҳо ба талаби низом ҷавоб намедиҳад, дуввум, масъалаи интиқоли шогирдони гурӯҳҳо мебошад, ки баъди хатми курсҳо ба гурӯҳҳои ӯзбекӣ таълимоти худро мекӯчонанд.

Шартномаи нави имзошуда барои ҷавононе, ки мехоҳанд фаъолияти илмии худро идома диҳанд, на танҳо дар сатҳи магистратура, балки ҳамчунин дар доираи таҳқиқоти докторӣ дурнамоҳои нав мекушояд. Дар форум намояндагони донишгоҳҳо ва марказҳои илмии пешбари Федератсияи Русия иштирок намуданд, ки имкон дод масъалаҳои мубрами таълим ва омӯзиши забони русӣ ҳамчун забони хориҷиро баррасӣ намуда, ҳамчунин имкониятҳои ҳамкории байналмилалии илмиро васеъ намоянд.

Ин созишнома қадами муҳим дар рушди иқтидори таълимӣ ва илмии минтақа гардида, пули боэътимод барои ҳамкорӣ дар соҳаи филология ва илмҳои ҳамсоя фароҳам оварад.

**Таҳмина МАНСУРОВА,**
**устоди ДДО Чирчиқ**